# ФАРМОИШИ
# РАИСИ КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз «01» 09 соли 2025 №321/шд ш. Душанбе

Дар бораи қатъи фаъолияти шурои диссертатсионӣ

Мутобиқи сархати чоруми банди 18 Низомномаи Муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10.11.2021, №270 тасдиқ шудааст, банди 7, сархати якуми банди 121 ва банди 122 Низомномаи шурои диссертатсионӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ф а р м о и ш м е д и ҳ а м:

1. Бинобар риоя нагардидани талаботи бандҳои 106 ва 109 Низомномаи шурои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва бандҳои 31, 33, 38, 42, 60 ва 84 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) дар мавриди қабул ва баррасии диссертатсияҳои Шукуров Фирдавс Абдушукурович, Ҳиммат Муҳаммад Ёсин ва Усмонов Исфандиёр Муҳсинҷонович, фаъолияти шурои диссертатсионии 6D.КОА-008 назди Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино қатъ карда шавад.

2. Ҳимояи диссертатсияҳои Давлатзода Дилшод Аслам, Гулова Рухшона Маҳмадшоховна, Соҳибназарова Рухшона Ҳақназаровна, Зоирова Нурия Подабоновна ва Максимов Кирилл Вячеславович, ки то ба имзо расидани фармоиши мазкур дар сомонаи Комиссия ҷойгир шудаанд, тибқи муқаррарот ва дар мувофиқа бо Комиссия ба роҳ монда шаванд.

3. Шуъбаи аттестатсионии илмҳои тиббӣ, фарматсевтӣ, биологӣ, байторӣ ва аграрӣ (Зарина Шоҳмуродзода) дар муҳлати то 10 рӯз нусхаи фармоишро дар сомонаи Комиссия ҷойгир намояд.

4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи мудири шуъбаи коргузорӣ ва назорат Бахтиёр Шарифзода вогузор карда шавад.

Асос: қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2025, №9

КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
НУСХА БА АСЛАШ БАРОБАР АСТ

Раис Сайфиддин Давлатзода